**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН**
**МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ РЕСПУБЛИКА**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АДАБИЁТ БАРОИ СИНФИ IX

**Тошканд 2018**

## Мактуби эзоҳӣ

Дар синфҳои ибтидоии мактабҳои миёна мазмуни донишҳои аз забони модарӣ омӯзонидашаванда мавофиқи нақшаи таълимӣ доир ба намудҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони тоҷикӣ, тағйирёбии калимаҳо ва дар ҷумлаҳо ба ҳам пайваст шудани калимаҳо, таркиби калима, тартиб додани ҷумла, қоидаҳои беғалат навиштан ва дуруст гузоштани аломатҳои китобиро дар бар мегирад. Инчунин, аз синфи ибтидоӣ сар карда омӯзиш дар доираи Ташкилоти тараққиёт ва ҳамкориҳои иқтисодӣ (англисӣ–Organisation for Economic Cooperation and Development (OECD)), Барномаи байналмилалии баҳогузории донишомӯзон (англисӣ–Programme for International Stғdent Assessment, PISA) ва мониторинги байналмилалии сифати таълими математика ва фанҳои табиӣ дар мактаб, ки аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии баҳогузории комёбиҳои таълим (англисӣ–Trends in Mathematics and Science Stғdy,TIMSS) ташкил ёфтааст, барои инкишофи саводомӯзии шогирдон дорои аҳамияти муҳим аст.

**Мақсади асосии омӯзонидани забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ (синфҳои I - IV)** ба камол расонидани шахси фикри худро шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст ва равон баёнкунанда, мустақил ва эҷодкорона фикркунанда, фикри дигаронро дарккунанда, маданияти нутқ ва мулоқотро донанда мебошад.

**Вазифаи асосии таълими забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ**: доштани фикри шахсии донишомӯз, дарк намудани фикри дигарон, инкишоф додани босаводона баён намудани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ба донишомӯзон дониши доир ба грамматика (доир ба мафҳуми фонетика, лексикология, таркиби калима, сохти калима, морфология, синтаксис, имлои навишт, аломатҳои китобӣ, услубҳои нутқ)-ро инкишоф додан ва аз доираи васеъи забони модарӣ истифода бурда, равон, бехато фикри худро баён намуданро омӯзонидан.

**Дар таълими ибтидоӣ** – барои таъмини саводомӯзии донишомӯзон, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо ба меъёрҳои адабии нутқ риоя кардан омӯзонида мешавад.

Даври саводхонӣ аз ибтидои моҳи сентябр оғоз ёфта, то охири декабр, яъне ду чоряки соли таҳсилро фаро мегирад. Ҷараёни омӯхтани савод аз тайёрӣ бо Иди Алифбо ташкил меёбад. Таълими то алифбо ва даври алифбои саводомӯзӣ бо усули овозии таҳлилию таркибӣ (аналитикию синтетикӣ) амалӣ мешавад. Мувофиқи тарзи омӯзонидани таҳлилию таркибӣ аз матн ҷумла, аз ҷумла калима, аз калима ҳиҷо ва овоз, ёки баръакс овоз > ҳиҷо > калима > ҷумла> матн бо алоқаҳои узвӣ аз яклухт ба қисмҳо, аз қисмҳо ба яклухт нигоҳ карда таҳлил карда мешавад. Ин бошад барои дар асоси мезонҳои дидактикӣ фаъолияти фикрии

бошууронаю мантиқдори донишомӯзонро инкишоф додан имконият ба вуҷуд меорад.

Аз рӯзҳои аввали саводомӯзӣ дар давраи таълими ибтидоӣ ба инкишофи нутқи донишомӯзон, яъне аз ҳисоби калимаҳои нав бой гардонидани фонди луғавии вай эътибори алоҳида дода мешавад.

Забони модарӣ барои инкишоф додани малакаи озодона фикр намудан, фикри дигаронро дарк кардан, фикрҳои худро бо тарзи даҳонӣ ё хаттӣ баён карда тавонистан, бо одамон мулоқоти озодона доштани донишомӯзон хизмат мекунад.

**Омӯзиши ҳусни хат.** Вазифаи асосӣ аз омӯзонидани ҳусни хат такмилдиҳии бехато ва зебо навиштани ҳарф, калима, ҷумла ва матн аст. Дар ҷараёни ёд гирифтани навиштан донишомӯз шакли ҳарф, калима ва ҷумларо аз китоб ё тахтаи синф бехато ва ба қоидаҳои ҳусни хат риоя намуда кӯчонад, навиштаҳояшро санҷида, хатоҳо ва камбудиҳои графикии худро бо роҳбарии омӯзгор бояд худаш ислоҳ намояд. Дар ин давра фаъолияти шунида навиштан ҳам такмил меёбад.

Аз нимсолаи дуюми соли хониши синфи 1 сар карда, малакаи ҳусни хат такмил дода мешавад. Ҳамчунин дар синфҳои 2-4 бошад дар ҳар дарси забони модарӣ 5-8 дақиқа барои ҳусни хат ҷудо карда мешавад.

**Натиҷаҳои фаъолияти донишомӯз ва талаботи азхудкунӣ:**

– Фаъолияти хешро дар рафти дарс намоён карда метавонад.

– Бо китоби дарси кор карда метавонад.

– Мавҳуми нутқи даҳонӣ ва хаттиро бо мисолҳо фарқ карда метавонад.

– Бо маълумотҳои дахлдор чӣ будани калима, ҳиҷоро медонад.

– Овозҳои садонок ва ҳамсадоро сарфаҳм меравад, инчунин ҳиҷо, калима, ҷумларо фарқ карда метавонад.

– Мавҳуми ҷумларо медонад.

– Мазмуни мавзӯъҳои омӯхташаванда, қоидаҳои зарурӣ, машқ ва талабҳои онро бо тартиб иҷро менамояд ва фарқ карда метавонад.

– Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои мустақилмаъноро муайян карда метавонад ва аз рӯйи намуна аз ӯҳдаи калимаинтихобкунӣ мебарояд.

–Аз рӯйи расм ва мазмуни он матни ҳаҷман хурди мантиқдор тартиб дода метавонад.

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ IX

*(ҳафтае 2 соат, ҳамагӣ 68 соат)*

## ҚОНУНИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ЎЗБЕКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ҲУҚУҚБУНЁД (1 СОАТ)

## ТАКРОРИ МАВЗЎЪҲОИ СИНФИ VIII (2 СОАТ)

Ибора, ҷумла ва аъзоҳои ҷумла. Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба ва дутаркиба. Ҷумлаҳои соддаи хуллас ва тафсилӣ.

## ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБ (2 СОАТ)

Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаб. Фарқи маъноӣ ва грамматикии ҷумлаи мураккаб аз ҷумлаи содда. Хелҳои асосии ҷумлаҳои мураккаб. Ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор ва бепайвандак, ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ. Аломатҳои китобӣ дар ҷумлаҳои мураккаб.

## ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ. ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАНДАКДОР (11 СОАТ)

Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаби пайваст. Хелҳои асосии ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз рўи маъно ва пайвакдакҳо (пайвандакҳои паиҳам, ҷудоӣ ва хилофӣ). Вергул дар ҷумлаи мураккаби пайваст.

Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак. Муносибати маънои ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак. Оҳанги хосаи ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак. Аломатҳои китобат (вергул, нуқтавергул, дунуқта, тире) дар байни ҷумлаҳои соддаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак.

Тартиби таҳлили наҳвии ҷумлаҳои мураккаби пайваст.

## ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ (13 СОАТ)

Маълумоти умумӣ доир ба ҷумлаи мураккаби тобеъ. Сарҷумла ва ҷумлаи пайрав. Фарқи ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷумлаи мураккаби пайваст. Воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайрав бо сарҷумла: оҳанг, пайвандакҳо ва калимаҳои ҳамнисбат. Ҷои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар ҷумлаи мураккаби пайваст. Вергул дар байни ҷумлаи пайрав ва сарҷумла.

**Хелҳои ҷумлаи пайрав аз рўи маъно:** ҷумлаи пайрави мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол.

**Навъҳои ҷумлаи пайрави ҳол:** тарзи амал, миқдору дараҷа, монандӣ, замон, макон, сабаб, мақсад, шарт, хилоф, натиҷа. Такрори ҷумлаи мураккаби тобеъ.

## ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ СЕРТАРКИБ (5 СОАТ)

Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида, ғайричида, дараҷа. Пайвандак ва аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб.

## ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБ БО РАБТИ ГУНОГУН (3 СОАТ)

Роҳҳо ташаккули ҷумлаи мураккаби омехта. Аломати китобат дар дар ҷумлаҳои мураккаби омехта ва бепайвандак. Ҷумлаҳои мураккаби омехта. Роҳҳои ташаккули ҷумлаи мураккаби омехта. Аломатҳои китобат дар ин қабил ҷумлаҳо.

## УСЛУБИЁТ ВА МАДАНИЯТИ НУТҚ (6 СОАТ)

Васеъ кардан ва ҷамъбаст намудани донишҳое, ки хонандагон доир ба шохаҳои услубии забон: услуби гуфтугӯӣ ва китобӣ, навъҳои услуби китобӣ; услуби коргузорӣ, услуби илмӣ, услуби публитсистӣ ва услуби бадеӣ ҳосил карданд.

Муродифот - асоси услубиёт. Муродифҳои (синонимҳои) луғавӣ ва иборагӣ. Муродифҳои сарфӣ (морфологӣ) ва наҳвӣ (синтаксисӣ).

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ЗАБОН (4 СОАТ)

Забон ҳамчун воситаи муҳимтарини муомилот. Забон ва ҷамъият. Забон ва тафаккур. Забон ва маьнавият. Забон ва хат. Забони адабӣ ва шева. Забони тоҷикӣ ва қонуни давлатии он.

## ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВЗӮИ СИНФҲОИ V-IX (8 СОАТ)

Овозҳои нутқ, овоз ва ҳарф. Алифбо, овозҳои садонок ва ҳамсадои забони тоҷикӣ, талаффуз ва навишти онҳо. Маънои луғавӣ ва грамматикии калима. Усули калимасозӣ дар забони тоҷикӣ. Калимаҳои мустақил ва номустақил, ибора, ҷумла. Ҷумлаҳои содда. Ҷумлаҳои соддаи хуллас ва таркибӣ. Ҷумлаҳои яктаркиба ва дутаркиба. Ҷумлаҳои мураккаб. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Навъҳои услуби забони тоҷикӣ.

## ТАКМИЛИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТӢ (13 СОАТ)

Фарқ кардани хелҳои услубҳои забони адабӣ аз рӯи нишонаҳои асосии онҳо.

Мухтасар ва адабӣ накл кардан ё навиштани матнҳое, ки унсурҳои тавсифӣ адабиро дар бар доранд.

Таълифи иншо дар услуби публипсистӣ доир ба мавзӯъҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқию маънавӣ, ки мустақилона интихоб шудаанд. Чунончи: «Ватан чист?», «Виҷдон ва номус», «Бани одам аъзои якдигаранд», «Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ», «Табиатро бояд муҳофизат намуд».

Дар асоси маводи рӯзномаҳо ва манбаъҳои илмӣ тайёр намудани матни маърӯза доир ба таърихи Ватан, ахлоқу одоби ҳамидаи башарӣ.

Навиштани фишурдаи мақолаҳои забоншиносӣ ва дигар мақолаҳои муҳими сиёсию иҷтимоӣ, ахлоқию маърифатӣ, ки дар матбуот ба табъ расидаанд.

Пур кардани варақа (бланкаҳо). Навиштани ариза ва эзоҳнома.

**Талабҳои асосӣ оид ба дониш, малака ва маҳорати донишомӯзони синфи IX**

Бояд донанд ва тавонанд:

- аз синтаксис: Ҷумлаҳои мураккаб ва фарқи онҳо аз ҷумлаи содда. Тафовути ҷумлаи мураккаби пайвандакдор ва бепайвандак. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте, ки бо пайвандакҳои паиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ сурат гирифтаанд. Истифодаи пайвандакҳои ҳамвазифа ба ҷои якдигар. Хусусиятҳои асосии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва корбурди пайвандаку калимаҳои ҳамнисбат дар онҳо. Хелҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва воситаҳои алоқаи байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрави таркиби онҳо. Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак ва муносибати маъноии ҷузъҳои онҳо.
- аз пунктуатсия: Корбасти аломати вергул дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Аломати китобатӣ вергул, нукта вергул ва тире дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак.
- аз услубиёт: Хелҳои услубҳои нутқ ва нишонаҳои асосии онҳо. Хусусиятҳои луғавӣ, фразеологӣ ва грамматикӣ.
- Аз маълумоти умумӣ дар бораи забон. Аҳамияти забон дар ҷамъият. Алоқаи узвии забон бо ҷамъият инкишофи тадриҷии забон. Хусусиятҳои асосии забони адабӣ, забон ва хат. Қабули қонуни забони давлатӣ ва аҳамияти он. Хелҳои шеваи забони тоҷикӣ. Манбаъҳои инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик.

## АДАБИЁТ СИНФИ IX
## (68 соат, дар як ҳафта 2 соат)

**Адабиёти бадеӣ воситаи ташаккули рӯҳиёти инсон** (1 соат)

Адабиёт санъати сухан аст. Мақоми адабиёт дар ташаккули маънавиёт ва ахлоқи инсон. Адабиёт воситаи ташаккули завқи зебоишиносӣ. Вазифаи адабиёти бадеӣ. Ҳадафҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва тарбиявии осори бадеӣ.

Адабиёт ва ташаккули ҳиссиёти солим. Осори бадеӣ ва забон. Шинос будани донишомӯзон бо таърихи адабиёти тоҷик ва ӯзбек аз эҷодиёти даҳонакии халқ ва адабиёти даврони қадим то ибтидои асри XX. Мақсад ва вазифаҳо аз омӯхтани фанни адабиёт дар синфи IX. Дар таълими умумӣ зинаи ҷамъбасти омӯхтани фанни адабиёт будани он.

**Намояндагони адабиёти маорифпарвари**
**халқҳои Осиёи маказӣ (1 соат )**

Таъсири воқеияти сиёсӣ-иҷтимоӣ ба болоравии ҳаёти маданӣ ва адабиёти бадеӣ. Адабиёти тоҷик дар ибтидои асри XX. Дар ҳудуди Туркистон ва аморати Бухоро идома ёфтани адабиёти тоҷик. Самарқанд ҳамчун маркази адабӣ. Адабиёти ҷадид ва хусусиятҳои он. Тарғиби ғояи истиқлоли миллӣ дар адабиёти ҷадидӣ.

**Сиддиқии Аҷзӣ (2 соат)**

Ҷараёни зиндагии шоир. Оғози фаъолияти адабӣ. Ва пайванди он бо анъана.

Мавзӯъ ва мундариҷаи осори ӯ. Аҷзӣ ва масъалаи худшиносии миллӣ. Аҷзӣ шоири зуллисонайн. Мақоми илму дониш ва мактабу маориф дар ҳаёти инсон аз назари Аҷзӣ. Мавқеи Аҷзӣ дар боло бурдани савияи шеър.

“Миръоти ибрат” ва моҳияти иҷтимоию бадеии он. Аҳамияти эҷодиёти Аҷзӣ дар пойдоршавии истиқлоли миллӣ.

**Мирзо Сироҷи Ҳаким (2 соат)**

Тарҷимаи ҳоли Мирзо Сироҷ ва фаъолияти адабии ӯ. «Тӯҳафи аҳли Бухоро» ҳамчун асари сафарномавӣ. Инъикоси фикрҳои пешқадам ва ақидаҳои маорифпарварию тараққихоҳӣ дар асар. Осори манзуми Мирзо Сироҷ ва арзишҳои он. Аҳамияти эҷодиёти Мирзо Сироҷ дар ташаккули афкори нави ҷамъиятӣ.

**Тошхоҷа Асирӣ (2 соат)**

Зиндагиномаи Асирӣ. Муҳити таърихӣ ва адабии ибтидои асри XX ва таъсири он ба эҷодиёти Асирӣ. Асирӣ давомдиҳандаи анъанаи дузабонӣ дар адабиёти тоҷик.

Эҷодиёти Асирӣ. Мавзӯъ ва ғояи осори ба тоҷикӣ ва ӯзбекӣ навиштаи шоир. Таблиғи ободгарӣ ва мактабу маориф дар эҷодиёти ӯ.

Арзиши бадеӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давр дар осори шоир. Асирӣ ва масоили ободонии кишвар.

Мақоми Асирӣ дар адабиёти ин давра.

### Нақибхон Туғрал (2 соат)

Зиндагинома ва осори шоир. Мазмун, мундариҷа ва шакли шеъри шоир. Мақоми ғазал дар эҷодиёти Туғрал. Мавзӯи асосии ғазалиёти ӯ. Мавқеи жанрҳои дигар дар эҷодиёти шоир. "Наврӯзнома" ва "Арза". Арзиши таърихӣ ва бадеин ин ду асар. Фоҷиаи зиндагии Туғрал.

### Абдурауф Фитрат (2 соат)

Ҳаёт ва эҷодиёти Фитрат. Фитрат адиби дузабона. Фитрат асосгузори насри нав. Моҳияти таърихӣ, иҷтимоӣ ва бадеии асарҳои ӯ "Мунозира", "Баёноти сайёҳи ҳиндӣ". Фитрат — шоир. Мақоми Фитрат дар ҳаракати маорифпарварии Осиёи Марказӣ. Саҳми адиб дар ташаккули эҳсос ва афкори ватанхоҳӣ. Мавқеи ӯ дар адабиёти ин давр.

## НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

### Садриддин Айнӣ (3 соат)

Инкишофи адабиёти бадеӣ дар давраи нав. Доираи мавзӯъ, мундариҷа, жанр ва услуби адабиёти тоҷик аз солҳои 20-ум то охири асри XX.

Садриддин Айнӣ - асосгузори адабиёти нави тоҷик. Зиндагиномаи Айнӣ. Эҷодиёти ӯ: давраи аввал ва сонӣ.

Айнӣ — шоир.

Мавқеи Айнӣ дар ташаккули насри нави тоҷик. Айнӣ устоди ҳикоя, повест ва роман. "Марги судхӯр" ва арзиши ғоявию бадеии он. Чеҳраҳои асосии повест. Образи Қорӣ Исмат ва арзиши бадеии он. Мавқеи повести «Марги судхӯр» дар адабиёти ҷаҳонӣ.

"Ёддоштҳо" ва мавқеи ғоявию бадеии он дар адабиёти тоҷик. Воқеати Бухорои охири асри XIX дар асар. Тасвири ҳаёти табақаҳои мухталифи аҳолӣ дар асар. "Ёддоштҳо" - сарнавишти Айнӣ ва зиёиёни охири асри XIX тоҷик. Арзиши ғоявӣ ва бадеии "Ёддоштҳо". Сабки нигориши нависанда.

Фаъолияти илмии Айнӣ. Айнӣ олими адабиётшинос, муҳаққиқи таърихи адабиёт ва забоншинос. Айнӣ тазкиранигор: "Намунаи адабиёти тоҷик" ва мавқеи он дар таърихи халқи тоҷик. Айнӣ таърихнигор, адабиётшинос ва мунаққиди адабӣ.

Айнӣ муҳаққиқи таърихи адабиёти ӯзбек.

Шӯҳрати ҷаҳонии Айнӣ. Тарҷума ва интишори осори ӯ ба забонҳои халқҳои олам. Айнӣ нависандаи инсонпарвар, адолатхоҳ ва ҳақшинос.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи тип ва типикунонӣ дар адабиёти бадеӣ (1 соат).

**Абулқосим Лоҳутӣ (2 соат)**

Ҳаёт ва эҷодиёти шоир. Марҳилаҳои зиндагӣ ва эҷоди Лоҳутӣ дар Эрон, Туркия ва мамлакати Шӯравӣ. Хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи эҷодиёти шоир дар ин давраҳо.

Лоҳутӣ шоири лирик. Ғазал ва мавқеи он дар эҷодиёти шоир. Арзиши ғоявӣ ва бадеии ғазалҳои "Ё ҳар ду", "Шамъ ва Парвона" ва "Қасри Доро". Арзиши инсонпарваронаи ин шеърҳо.

Марҳилаҳои эҷодиёти Лоҳутӣ баъди ҳиҷрат ба давлати Шӯравӣ. Сиёсати вақт ва таъсири манфии он ба эҷодиёти шоир. Лоҳутӣ шоири достонсаро. Мавқеи суруд дар эҷодиёти шоир. Фоҷиаи қисмати Лоҳутӣ.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи рамз ва истифодаи он дар адабиёт (1 соат).

**Мирзо Турсунзода (2 соат)**

Ҳаёт ва фаъолияти адабии шоир. Марҳилаҳои эҷодиёти шоир. Мавзӯъҳои асосии эҷодиёти ӯ: модар ватан, зан, сулҳ, дӯстии халқҳо ва мақоми онҳо. Силсилаи шеърҳои "Қиссаи ҳиндустон" ва арзиши ғоявию бадеии он.

Таҳлили шеърҳои "Дили модар", "Ҳамин кофист" ва "Зан агар оташ намешуд".

Мавзӯи шарқи хориҷӣ дар эҷодиёти шоир. Турсунзода шоири достонсаро. Достони "Ҷони ширин" ва мавқеи он дар эҷодиёти шоир. Арзиши ғоявӣ ва бадеии достон. Тараннуми ғояи сулҳу дӯстӣ, худшиносии миллӣ ва истиқлолгарой дар достон. Турсунзода мунодии сулҳу дӯстӣ. Мақоми шоир дар адабиёт.

**Назарияи адабиёт:** силсилаи шеърҳо 1 соат.

**Ҷалол Икромӣ (2 соат)**

Ҳаёт ва осори Икромӣ.

Насри Икромӣ. Аввалин ҳикояҳои нависанда. Икромӣ шогирди мактаби Айнӣ: "Устоди ман, мактаби ман, худи ман". Арзиши маънавии ин асар. Мавқеи Айнӣ дар тақдири нависандагии Икромӣ. Повестҳои "Тирмор", "Тори анкабут", "Ман гунаҳгорам" ва арзиши ғоявию бадеии онҳо.

Мавқеи повести "Ман гунаҳгорам" дар насри тоҷик. Сабақи коршоями ахлоқии ин асар барои ҷавонон. Романи "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро" асари сегона. Мазмун, мундариҷа ва ғояи романҳои сегона — "Духтари оташ", "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро"

ва “Тахти вожгун”. “Духтари оташ” сарнавишти занони тоҷик. Образи Фирӯза намунаи истиқлоли шахсӣ, матонат ва бебокӣ.

Романҳои “Саргузашти Сафармахсум” ва “Сафармахсум дар Бухоро” асарҳои ҳаҷвии Ҷалол Икромӣ. Мавқеи ҳаҷву мутоиба дар ин асар. Моҳияти ғоявии роман. Мақоми Икромӣ дар адабиёти тоҷик.

***Назарияи адабиёт***: маълумот дар бораи жанри романи ҳаҷвӣ (1 соат ).

## Сотим Улуғзода (3 соат)

Зиндагиномаи Сотим Улуғзода. Дар повести “Субҳи ҷавонии мо” инъикос ёфтани сарнавишти нависанда. Эҷодиёти адиб. Аз тарҷумонӣ оғоз шудани фаъолияти адабии Сотим Улуғзода.

Сотим Улуғзода олими адабиётшинос. Мақолаҳои танқидӣ ва адабиётшиносии ӯ.

Сотим Улуғзода – драматург. Дар асарҳои драмавиии ӯ ба таърих рӯ овардани нависанда. Мазмун ва моҳияти драмаҳои “Рӯдакӣ, “Темурмалик”, “Алломаи Адҳам ва дигарон”.

Сотим Улуғзода насрнависи барҷаста. Романи “Восеъ” ва арзиши бадеии он. Мавқеи повести “Ривояти суғдӣ” дар эҷодиёти адиб.

Романи “Фирдавсӣ” - асари таърихӣ. Рӯҳи ватандӯстии роман. Инъикоси воқеияти таърихӣ ва мавқеи хаёлоти бадеӣ дар фарогирии он. Образҳои роман. Моҳияти консепсияи бадеии нависандаро муайян кардани арзишҳои умумиинсонӣ. Арзиши таърихӣ, бадеӣ ва умумбашарии роман..

Забон ва сабки нигорандагии Улуғзода.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи романи таърихӣ (1 соат).

## Ҳабиб Юсуфӣ (2 соат)

Ҳаёт ва эҷодиёти шоир. Мазмун ва ғояи осори шоир. Ватан — сарчашмаи илҳоми шоир. Сохти шеъри Юсуфӣ. Навҷӯиҳои ӯ дар шакл ва мазмун. Таҳлили шеърҳои “Ишқи Ватан”, “Ба Ватан”, “Баҳори Ватан”, “Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар”, “Ба ҳар куҷо равам, дил диёри ман гӯяд” ва ғайраҳо.

Лирикаи ишқӣ ва иҷтимоии шоир. Шеърҳои “Дар шаъни ҳаёт” ва “Манзараи Кавказ”. Ҷанг дар қисмати шоир. Арзишҳои умуминсонии шеъри ӯ.

**Назарияи адабиёт:** маълумот дар бораи лирикаи гражданӣ ва манзаравӣ (1 соат).

## Фотеҳ Ниёзӣ (2 соат)

Зиндагиномаи нависанда. Ҳамчун шоир ба фаъолияти эҷодӣ оғоз кардани Ниёзӣ. Шеърҳои ба забони ӯзбекӣ навиштаи ӯ. Тадриҷан ба наср гузаштани нависанда.

Фотеҳ Ниёзӣ — нависандаи ҷанговар. Романи "Вафо". Мазмуну ғояи романҳои "Ҳар беша гумон мабар, ки холист" ва "Сарбозони бесилоҳ". Инъикоси мавзӯи дӯстии халқҳо дар эҷодиёти адиб.

Фотеҳ Ниёзӣ - тарҷумони осори адаибони ӯзбек.

**Мӯъмин Қаноат (2 соат)**

Зиндагинома ва роҳи эҷодии Мӯъмин Қаноат.

Доираи мавзӯю мундариҷаи ашъори ӯ. Жанрҳо ва намудҳои ашъори Мӯъмин Қаноат. Мақоми достон дар эҷодиёти шоир. «Мавҷҳои Днепр»,"Сурӯши Сталинград" ва мавқеи он дар адабиёт.

Достонҳои таърихии шоир. "Гаҳвораи Сино", «Китобҳои захмин» ва арзиши ғоявию миллли он.

Мақоми Мӯъмин Қаноат дар адабиёти муосири тоҷик.

**Фазлиддин Муҳаммадиев (2 соат)**

Ҳаёт ва эҷодиёти адиб. Мавзӯъ ва мундариҷаи аввалин очерку ҳикояҳои нависанда. Инъикоси маънои ҳаёти инсон дар асарҳои адиб: таҳлили ҳикояҳои "Хиёбони Нодир" ва "Рӯзи дафни Усто Оқил". Мавзӯъ ва ғояи повести "Одамони кӯҳна".

Арзиши ғоявӣ ва бадеии романи "Палатаи кунҷакӣ". Қаҳрамонони мусбат ва манфии роман. Повестҳои "Шоҳии Япон", "Варта" ва моҳияти онҳо.

Мавқеи Фазлиддин Муҳаммадиев дар адабиёти муосири тоҷик.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи жанри очерк (1 соат).

**Лоиқ Шералӣ (3 соат)**

Ҳаёт ва эҷодиёти Лоиқ. Аввалин шеърҳои шоир ва арзиши онҳо. Мавқеи ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Лоиқ.

Мавзӯи модар ва ватан дар шеъри Лоиқ. Моҳияти ашъори дар мавзӯи таърихӣ навиштаи Лоиқ. Ғояи силсилаи шеърҳои "Илҳом аз "Шоҳнома", «Соҳилҳо» ва «Ҷоми Хайём».

Моҳият ва мақоми "Модарнома"-и Лоиқ.

Лоиқ ва шеъри нав.

Мақоми Лоиқ дар адабиёти муосири тоҷик.

**Назарияи адабиёт:** маълумот дар бораи лутфи сухан (1 соат).

**Ӯрун Кӯҳзод (2 соат)**

Ҳаёт ва эҷодиёти адиб. Фаъолияти адабиашро бо навиштани ҳикояҳои ҳаҷвӣ шурӯъ кардани нависанда. Мавзуъ ва ғояи аввалин ҳикояҳои ӯ. Повести "Кини Хумор" ва инъикоси маънавиёти муосирон дар он. Тасвири масъалаҳои мактабу маориф, усулҳои таълим, роҳҳои тарбияи кӯдакон дар повест. Қиссаи "Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз". Образи Айнӣ дар ин повест.

Романи “Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим”, мавзӯъ ва ғояи он.

Китоби “Тоҷикони имрӯзӣ” ва масъалаҳои ахлоқи муосирон.

**Назарияи адабиёт:** маълумот дар бораи романи психологӣ (1 соат).

**Бозор Собир (2 соат)**

Зиндагиномаи шоир. Роҳи эҷодии ӯ. Мавзӯъ ва ғояви аввалин шеърҳои ӯ. Арзишҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ дар эҷодиёти Бозор Собир. Моҳияти таърихӣ ва иҷтимоии ашъори дар мавзӯи таърих навиштаи шоир. Ашъори ватандӯстонаи ӯ.

Шеъри тасвирӣ ва мақоми он дар эҷодиёди шоир. Жанрҳои осор ва сабки шоирии Бозор.

Мақоми шоир дар адабиёти муосири тоҷик.

**Гулрухсор Сафиева (2 соат)**

Зиндагиномаи шоира. Роҳи эҷодии ӯ. Мавзӯъ ва ғояи аввалин шеърҳои ӯ. Арзишҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ дар эҷодиёти Гулрухсор. Ашъори ватандӯстона ва ҳунари шоирагии ӯ. Мавзӯъ ва сабки нигориши эҷодиёти шоира.

Мақоми Гулрухсор дар адабиёти муосири тоҷик.

**Саттор Турсун (2 соат)**

Ҳаёт ва эҷодиёти нависанда. Мавзӯъ ва мундариҷаи аввалин ҳикояҳои нависанда. Таҳлили ҳикояҳои “Хостгорӣ”, “Гулдаста” ва “Хоҷамаст”. Тасвири қадри инсон дар ин ҳикояҳо.

Повести “Пайванд” ва инъикоси ахлоқи муосирони ҷавон дар он. Моҳияти образи қаҳрамони асосии повест Фарҳод.

“Камони Рустам” асари ахлоқӣ. Талқини одамият ва ахлоқи накӯ дар ин асар. Фирӯз қаҳрамони асосии асар. Моҳияти қиссаи “Мегӯянд, ки модарам...!”

Мавзӯъ ва ғояи романҳои «Серӯзи як баҳор» ва «Санг дар бағал». Мавқеи онҳо дар адабиёти муосир.

**Ҷонибеки Қувнок (2 соат)**

Ҳаёт ва эҷодиёти шоир. Мавзӯъ ва мундариҷаи аввалин шеърҳои шоир. Таҳлили шеърҳои маҷмӯаи “Ифтихор”.

**Чоршанбеи Деҳнавӣ (2 соат)**

Ҳаёт ва эҷодиёти нависанда. Мавзӯъ ва мундариҷаи аввалин ҳикояҳои нависанда. Таҳлили навеллаҳои «Ривояти охирин» ва «Рӯзи видоъ». Тасвири қадри инсон дар ин ҳикояҳо.

Қиссаи «Яке аз ҳазорон» ва инъикоси ахлоқи муосирони ҷавон дар он. Моҳияти образи қаҳрамони асосии қисса.

**Назарияи адабиёт:** Маълумот дар бораи навелла ва хусусиятҳои он **(1 соат)**

## НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ ӮЗБЕК

### Абдулло Қодирӣ (2 соат)

Маълумот дар бораи намояндагони адабиёти ӯзбек. Ҳаёт ва эҷодиёти адиб.

Аввалин асари насрии нависанда ва моҳияти он. Арзиши таърихӣ, иҷтимоӣ ва бадеии романи "Рӯзгори мозӣ". Образҳои мусбат ва манфии асар. Симои одамони инсонпарвар, вафодор, қаҳрамонро дар муқобили золимону хиёнаткорон гузоштани адиб. Ифодаи рӯҳи миллӣ дар асар.

Романи "Каждум аз меҳроб" ва мавзӯю мундариҷаи он. Инъикоси масъалаи шараф ва номуси инсон дар роман. Образҳои асар. Абдулло Қодирӣ нависандаи таърихнигор. Мақоми нависанда дар байни хонандагони тоҷик.

### Абдулло Орипов (2 соат)

Зиндагӣ ва осори шоир. Абдулло Орипов шоири тавонои ӯзбек. Қадамҳои аввалини шоирии ӯ.

Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори шоир. Мавзӯи модар-Ватан дар шеърҳои ӯ.

Мавзӯъ ва ғояи достонҳои "Рӯҳи ҷаннат" ва "Ҳаким ва аҷал".

Инъикоси мавзӯъҳои дӯстӣ, ватан ва модар дар эҷодиёти шоир. Таҳлили шеърҳои "ӯзбеку тоҷик", "Ӯзбекистон" ва "Забони модарӣ".

Мақоми шоир дар адабиёти муосири ӯзбек.

Тарҷумаи шеърҳои Абдулло Орипов ба забони тоҷикӣ.

## НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ ҶАҲОН

### Эраҷ Мирзо (2 соат)

Зиндагиномаи адиб. Фаъолияти эҷодии Эраҷ мирзо.

Таҳлили шеърҳои "Ватани мо ба ҷойи модари мост", "Муҳаббати модар".

### Чингиз Айтматов (2 соат)

Ҳаёт ва эҷодиёти нависанда.

Аввалин қиссаҳои адиб ва арзиши бадеии онҳо. Повести "Ҷамила" - қиссаи ишқи пок.

Мавзӯъ ва мундариҷаи повестҳои "Киштии сафед", "Нахустин устод". Тасвири муносибати инсон бо табиат дар ин асарҳо.

Романҳои "Дуроҳаи бӯронӣ", "Қиёмат", "Нишонаҳои охират" ва инъикоси муаммоҳои умумбашарӣ дар онҳо. Моҳияти кашфиётҳои бадеии Чингиз Айтматов дар мисоли Модарғизол — аз "Киштии сафед", Манқурт — аз "Дуроҳаи бӯронӣ", Кӯдак — аз "Саги алое, ки лаб-лаби баҳр медавад" ва Модаргург Акбара — аз "Қиёмат".

Мақоми асотиру афсанаҳо дар насри Чингиз Айтматов. Хусусиятҳои хоси насри ӯ.

Мавқеи Чингиз Айтматов дар адабиёти ҷаҳонӣ.

Чингиз Айтматов ва адабиёти тоҷик.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи фантастикаи илмӣ ва бадеӣ (1 соат).

Маънавиёти миллӣ ва адаюиёти бадеӣ. Адабиёти бадеӣ ва ҷавонон.

***Ҷамъи соатҳо:***

Барои омӯзиши асарҳо — 54 соат.

Барои корҳои амалӣ — 12 соат.

Барои такрор — 2 соат.

**Матнҳо барои аз ёд кардан:**

Садриддин Айнӣ: "Гули сурх". «Ин ҳама ширинлабон».

Абулқосим Лоҳутӣ: "Ё ҳар ду", дубайтиҳо (интихобан).

Мирзо Турсунзода: "Дасти модар", "Дили модар", «Зан агар оташ намешуд», порае аз достони «Ҷони ширин».

Ҳабиб Юсуфӣ: "Ватан", "Ишқи Ватан".

Мӯъмин Қаноат: "Забони модарӣ", порае аз достони "Сурӯши Сталинград".

Лоиқ: "Ту монанди замин танҳоӣ, модар", ду ғазал интихобан.

Абдулло Орифов. "ӯзбеку тоҷик", "ӯзбекистон".

**Барои хониши берун аз синф:**

Садриддин Айнӣ: "Ёддоштҳо", «Марги судхӯр».

Мирзо Турсунзода: "Ҷони ширин". Шеърҳо дар васфи Ватан ва ситоиши зан.

Ҷалол Икромӣ: "Ман гунаҳгорам".

Сотим Улуғзода: "Марги ҳофиз", "Фирдавсӣ".

Фотеҳ Ниёзӣ: «Духтари ҳамсоя».

Мӯъмин Қаноат: "Гаҳвораи Сино".

Фазлиддин Муҳаммадиев: "Рӯзи дафни Усто Оқил", "Одамони кӯҳна" , "Палатаи кунҷакӣ".

Лоиқ: «Куллиёт», "Фарёди бефарёдрас", «Хонаи дил».

Саттор Турсун: "Ситораи корвонкуш", "Камони Рустам", "Се рӯзи як баҳор", «Санг дар бағал».

Абдулло Қодирӣ: "Рӯзгори мозӣ", "Каждум аз меҳроб".

Абдулло Қаҳҳор. «Афсонаҳо аз гузашта».

Абдулло Орифов. «Ихлос».

Чингиз Айтматов: "Ҷамила", "Нахустин устод", "Дуроҳаи бӯронӣ", «Қиёмат».

**Намуди корҳои хаттӣ ва шифоҳӣ аз адабиёт барои синфи IX**

Хониши ифоданоки асари бадеӣ ва порае барои аз ёд кардан.

Тартиб додани нақшаи содда ва мураккаб аз рӯи нақли хаттӣ ва даҳонии хонанда.

Иншо дар асоси нақшаи аз ҷониби худи донишомӯз тартибдодашуда.

Навиштани тақриз дар бораи асари мустақилона хондашуда.

Дар асоси асарҳои хондашуда дар мавзӯи «Истиқлоли Ватан» реферат навиштан.

Таҳлили адабиётшиносии як шеър, ҳикоя, достон, роман ё драмма.

**Талабот ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон**

***Хонандагон бояд донанд:***

- вазъиятҳои таърихии инкишофи адабиёт, тамоюлҳои ғоявӣ ва жанру намудҳои он;
- марҳилаҳои асосии ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ;
- муҳимтарин санадҳои тарҷумаҳолии адибони дигар;
- хусусияти давр ва инъикоси он дар адабиёти бадеӣ;
- жанр ва сохти асари бадеӣ, фарқи образҳо;
- арзишҳои умумибашарии образҳои бадеӣ;
- хусусиятҳои забонӣ ва услубии асари мавриди таваҷҷӯҳ.

***Хонандагон бояд тавонанд:***

- таҳлили шаклӣ ва ғоявии асари бадеӣ;
- муайян кардани жанри асар;
- дарки масъалаҳои асосии дар асари бадеӣ инъикосшуда;
- муайян намудани хислату характери қаҳрамон;
- муайян кардани мавқеи унсурҳои сужет ва тасвирҳои бадеӣ дар шаклгирии асар;
- мустақилона баён кардани андешаҳои худ дар бораи асари бадеӣ;
- муайян карда тавонистани хусусиятҳои жанрӣ ва услубии асар;
- ғояи асар ва сифатҳои қаҳрамонони онро муайян намудан;
- доир ба ин ё он асари бадеӣ дар конфронси китобхонон бо маърӯза баромад кардан ва ё навиштани реферат.